# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Холиқзода О.А. дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст. – Душанбе, 2026. – 175 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Холиқзода О.А. дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсионии «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» дар шароити муосири рушди ҷомеа ва давлатдории миллӣ аҳамияти хосаро доро мебошад. Дар ҷаҳони муосир ҳуқуқу озодиҳои инсон ба сифати яке аз арзишҳои бунёдии тамаддуни башарӣ баҳогузорӣ гардида, Тоҷикистон эҳтиром ва ҳифзи онро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати худ баҳогузорӣ намудааст. Аз ин лиҳоз, омӯзиши решаҳои таърихии андешаи ҳуқуқи инсон дар заминаи мероси ҳуқуқии халқи тоҷик на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки арзиши амалиро низ доро мебошад.

Мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки он ба таҳқиқи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, ки пояҳои ташаккули андешаи ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд, равона шудааст. Сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, аз қабили ёдгориҳои хаттӣ, қонунномаҳо, санадҳои давлатӣ ва осори мутафаккирон,

имконият медиҳанд, ки раванди ташаккул ва рушди мафҳуми ҳуқуқи инсон дар давраҳои гуногуни таърихӣ амиқ омӯхта шавад. Инчунин, он ба баррасии моҳият ва хусусиятҳои сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон бахшида шуда, таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи тамаддуни инсонӣ низ фаро мегирад. Ин раванд имкон медиҳад, ки заминаҳои назариявии масъала муайян карда шуда, робитаи байни анъанаҳои ҳуқуқии гузашта ва меъёрҳои муосири ҳуқуқи инсон амиқан омӯхта шаванд.

Аҳамияти вижаи рисолаи илмӣ дар омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ, ки яке аз марҳилаҳои муҳимми ташаккули фарҳанги ҳуқуқии халқи тоҷик ба шумор меравад, ифода меёбад. Дар ин замина, таҳқиқи нахустин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, ки дар онҳо унсурҳои эътирофи ҳуқуқи инсон инъикос ёфтаанд, аҳамияти бузург дорад. Аз ҷумла, баррасии андешаҳои марбут ба ҳуқуқу озодиҳои инсон дар нахустин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва катибаҳои бостонӣ нишон медиҳанд, ки ҳатто дар давраҳои қадим низ арзишҳои инсондӯстона мавқеи меҳварии давлатдории тоҷиконро ташкил медоданд.

Ғайр аз ин, мавзуи диссертатсия ба таҳлили андешаҳои ҳуқуқи инсон дар асрҳои миёна низ равона шудааст. Ин давра бо рушди афкори фалсафӣ ва ҳуқуқии мутафаккирони тоҷику форс фарқ мекунад. Осори мутафаккирон, ки масъалаҳои адолат, ҳуқуқ, озодӣ ва масъулияти инсонро баррасӣ намудаанд, дар ташаккули андешаи ҳуқуқи инсон саҳми назаррас гузоштаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши ин осор барои дарки амиқи моҳияти ҳуқуқи инсон дар анъанаи миллӣ аҳамияти калон дорад. Ҳамзамон, таҳқиқи сарчашмаҳои расмии давлатӣ дар асрҳои миёна, ки муносибатҳои ҳуқуқиро танзим мекарданд, имкон медиҳад, ки сатҳи эътироф ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар он давра арзёбӣ карда шавад. Ин масъала, махсусан дар шароити муосир, ки давлатҳо кӯшиш мекунанд, низоми ҳуқуқии худро такмил диҳанд, аҳамияти амалӣ дорад.

Мубрамияти мавзуъ, инчунин бо зарурати таҳкими худшиносии миллӣ ва эҳёи арзишҳои таърихӣ алоқаманд аст. Омӯзиши мероси ҳуқуқии гузашта нишон медиҳад, ки фарҳанги ҳуқуқии халқи тоҷик дорои решаҳои амиқ буда,

дар тӯли таърих арзишҳои инсонпарвариро ташаккул додааст. Ин омил метавонад дар тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва таҳкими эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши муҳим бозад.

Дар ниҳоят метавон ишора намуд, ки мавзуи рисолаи илмии Холиқзода О.А. дорои мубрамияти амиқ буда, дар шароити кунунӣ таҳлил ва баррасӣ намудани он, саривақтӣ ва муҳим мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Бояд ишора намуд, ки рисолаи ишорашуда дорои навгониҳои хоси худ буда, дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ бори нахуст таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсонро дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, махсусан дар аҳди қадим ва асрҳои миёна бо назардошти таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ анҷом додааст.

Инчунин, дар нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф метавон навгониҳои бисёр муҳимми илмиро мушоҳида намуд. Аз ҷумла:

– Муаллифи рисолаи илмӣ бо назардошти сарчашмаҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва назарҳои мухталифи илмӣ, мафҳуми мукаммали сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсонро матраҳ намудааст. Инчунин, дар он таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик амиқан нишон дода шуда, ташаккули онро тавассути се роҳ нишон додааст: бо роҳи расмӣ-давлатӣ, тавассути тарғиби ҳуқуқ ба озодии эътиқод ва бо роҳҳои маънавӣ-ҳуқуқӣ

– Дар рисолаи илмӣ, муҳаққиқ андешаи созандаи рушди ҳуқуқи инсонро матраҳ намуда, саҳми ҳамаи тамаддунҳоро дар шинохти ҳуқуқи инсон ва озодии инсон бориз маънидод менамояд. Дар ин ҷода, ҷойгоҳи тамаддуни тоҷикон ва нақши халқи тоҷик аз мадди назар дур нарафтааст. Албатта, миллати тоҷик дар шинохти ҳуқуқи инсон саҳми бориз дорад ва муаррифии шоистаи он вазифаи муҳимми илми таърихи ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад, ки муаллиф онро дуруст дарҷ кардааст.

– Яке аз навгониҳои бисёр муҳимми рисолаи илмӣ дар он инъикос мегардад, ки муаллиф бо такя ба андешаи таъмини адолат дар ҷомеа, нахустин

довар, эҷодкунандаи меъёр ва таъминкунандаи адолатро дар сарзамини тоҷикон – Урвахшайа муаррифӣ кардааст, ки далели возеҳи таҳқиқи сарчашмаҳои нодири таърихӣ аз ҷониби муаллифи рисолаи илмӣ мебошад.

– Дар доираи таҳқиқи мавзуи баррасишаванда, пажӯҳишгар ба Қонунномаи Сосониён рӯй оварда, онро бисёр мушфиқона таҳлил намуда, меъёрҳои танзимкунандаи ҳуқуқи инсонро дар он ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст, ки қобили диққат мебошад. Зеро, то ин замон кам таҳқиқотҳои илмии мукаммал ба назар мерасанд, ки бо чунин шева ин сарчашмаи бунёдии таърихии ҳуқуқии миллати тоҷикро таҳлил карда бошад.

– Бо мақсади амиқан таҳлил намудани сарчашмаҳои таърихӣ, махсусан сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии миллати тоҷик, таҳқиқбаранда пешниҳод менамояд, ки дар кишвар бояд маркази илмӣ-таҳқиқотии «Авасто» таъсис дода шавад. Инчунин, ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар фазои рақамӣ, махсусан мероси таърихӣ-ҳуқуқӣ аз ҷониби муаллиф таъсис додани Маркази миллии татқиқоти ҳуқуқи инсон ва технологияҳои рақамӣ пешниҳод шудааст, ки инҳо дар умум натиҷаи таҳқиқоти рисолаи илмиро бозгӯй намуда, аз сатҳи навгонӣ рисола башорат медиҳанд.

Дар маҷмӯъ, навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада асоснок буда, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда бо таҳлили амиқи илмӣ-амалӣ таъмин гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия баёнгардида бо равиши пайдарпайи илмӣ, интихоби дурусти усулҳои таҳқиқ ва таҳлили амиқи манбаъҳои таърихӣ ва назариявии ҳуқуқ таъмин карда шудаанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқшиносиро истифода намудааст, аз ҷумла усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ, таҳлили низомӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра, ки ба ҳосил гардидани натиҷаҳои илмии асоснок мусоидат намудаанд.

Эътимоднокии хулосаҳои илмӣ, пеш аз ҳама, ба омӯзиши сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, фарогири таълимоти ҳуқуқӣ, осори мутафаккирони

тоҷик, назарияҳои муосири назарияи ҳуқуқ ва давлат, инчунин таҳлили равандҳои воқеии ташаккул ва рушди ҳуқуқи инсон дар замони муосир такя мекунад.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо мутобиқати мантиқии онҳо ба мақсад ва вазифаҳои диссертатсия таъмин мегардад. Ҳар як хулосаи илмӣ ҳамчун унсури низоми умумии таҳқиқ баромад намуда, дар ҳамбастагӣ бо дигар натиҷаҳо моҳияти таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсонро дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ошкор менамояд.

Дар маҷмуъ, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бо далелҳои кофии илмӣ асоснок гардида, эътимоднокии онҳо шубҳаовар нест.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Холиқзода О.А. дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 175 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардида, асосҳои методологии он зикр шуда, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он тавсиф гардида, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия ба мавзуи «Мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва таҳаввули андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон» бахшида шудааст. Муаллиф дуруст ишора менамояд, ки дар марҳилаи рушд ва эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд, ҳуқуқи инсон ба сифати унсури

муҳим шинохта шуда, талош баҳри он сурат гирифта истодааст, ки он ҳамчун арзиши олӣ мавриди эътирофнамоӣ қарор бигирад. Бо ин мақсад, дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ даҳҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки мазмун ва моҳияти ҳуқуқи инсонро фарогир мебошанд. Вале, бояд махсус ишора намуд, ки сарчашмаҳои муосири ҳуқуқи инсон оғозгоҳи худро аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ мегиранд, ки дар онҳо мазмун ва моҳияти ҳуқуқи инсон мустаҳкам карда шудааст.

Муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки «таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон, албатта дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ сурат гирифтаву моро водор менамояд то мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсонро ошкор намуда, нақши онҳоро дар шинохти ҳуқуқи инсон муайян намоем. Аммо, муайян сохтани мафҳуми сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон замоне имконпазир хоҳад буд, ки агар мафҳумҳои сарчашма, сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқ муайян карда шаванд» (саҳ. 20). Албатта, муаллиф дар ин ҷо бо дарназардошти таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқӣ фикри худро пешниҳод намудааст.

Муаллифи диссертатсия иброз медорад, ки «тоҷикон ҳанӯз аз давраҳои қадим ба арзишҳои умумиинсонӣ, аз қабили ҳуқуқи инсон, озодиҳои инсон, адолат ва баробарӣ дар байни инсонҳо арҷ мегузоштанд. Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар маркази таваҷҷуҳи ниёгони мо қарор доштанд. Албатта, ҷойгоҳи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ҷой доштанд, инъикоси худро пайдо намудаанд» (саҳ. 22-23).

Ба андешаи муаллифи диссертатсия сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дарбаргирандаи он асноди ҳуқуқие мебошанд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар худ дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ мустаҳкам кардаанд. Вале, бояд зикр намуд, ки моҳияти фарогирии ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон гуногун буданд. Масалан, агар дар марҳилаи нахуст инсоният тавассути сарчашмаҳои ахлоқӣ-динӣ ба ҳуқуқу озодиҳои худ арҷ мегузошт, дар марҳилаҳои баъдӣ, аллакай ҳуқуқи

инсон моҳияти расмиро (дар санадҳои расмии давлатӣ) ба худ касб намуд (саҳ. 27).

Мақсади санадҳои меъёрии ҳуқуқии муосир, ки танзимкунандаи ҳуқуқи инсон мебошанд, аз он иборат аз аст, ки бо назардошти омӯзиши тамоми сарчашмаҳо, махсусан сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон, инчунин ба инобат гирифтани манфиатҳои милливу давлатӣ ҳуқуқи инсонро муқаррар намоянд. Зеро, дар раванди ҷаҳонишавӣ ягона роҳи наҷот додани низоми ҳуқуқии миллӣ аз таъсирҳои манфии қарни XXI ин омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, махсусан дар самти ҳуқуқи инсон ва боло гузоштани арзишҳои давлативу миллӣ аз арзишҳои дигар ба ҳисоб меравад. Шаклгирии сарчашмаҳои нави ҳуқуқӣ, ки дар заминаи консепсияҳои гуногун рӯйи кор омода, мазмун ва моҳияти ҳастии инсониятро тавассути меъёрҳои гуногун танзим менамоянд, мутаассифона на ҳамеша ба таърихи гузаштаи инсоният, махсусан ба сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ дар самти ҳуқуқи инсон такя менамоянд. Ин гуна муносибат боис ба он мегардад, ки меъёрҳои онҳо дар ҷомеа самараи дилхоҳи худро ба бор намеоранд ва ифодакунандаи воқеияти таърихӣ ва ё муосир нестанд. Бо ин назардошт, такя намудан ба ҷанбаҳои мусбати танзими ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар марҳилаи муосири рушди муносибатҳои миллӣ ва байналмилалӣ ба мақсад мувофиқ мебошад (саҳ. 39).

Боби дуюми диссертатсия – «Андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ» ном дошта, ишора мегардад, ки сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи шаклҳои гуногуни эътиқодӣ, ахлоқӣ, динӣ, адабию фарҳангӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ пайдо шуда, минбаъд ташаккул ёфтаанд. Яъне, сарчашмаҳои ишорашуда дар марҳилаҳои ҷудогонаи таърихӣ танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буданд, ки минбаъд дар шуури ҳуқуқии ҷомеа роҳ ёфтаанд. Муаллиф бо дарназардошти таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ чунин андеша намудааст, «таърихи ҳуқуқи инсон аз ҷомеаи ибтидоӣ оғоз ёфта, бо худмуайянкунии шахс тавассути мансубият ба қабила ва қоидаҳои рафтор дар ин ҷомеа алоқаманд аст. Дар ин

марҳила қоидаҳое буданд, ки одатҳои устувор ва ба мақсад мувофиқи одамонро инъикос мекарданд. Онҳо ақидаҳои гуногунро барои қабилаҳо коркард менамуданд ва ба ин васила руҳияи онҳоро барои машғул шудан ба меҳнат баланд мебардоштанд. Дар адабиёти илмӣ қоидаҳои ҷомеаи ибтидоиро «мононормаҳо» маънидод менамоянд, яъне он меъёрҳоеро, ки аз меъёрҳои динӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо мебошанд» (саҳ. 34).

Муаллиф қайд менамояд, ки «таърихи инсоният дар роҳи шинохт ва эътирофи ҳуқуқи инсон, ки имрӯз он ҳамчун унсури муҳимми давлатҳои демократӣ ва ҳукукбунёд баромад менамояд, ҳолату воқеиятҳои гуногунеро бозгӯй менамояд ва аз дарки ноҳамвории роҳи тайнамудаи ҳуқуқи инсон дар масири таърих шаҳодат медиҳад. Дар дарозои таърихи давлатдории халқи тоҷик низ даҳҳо ҳолатҳои ба ҳам мухолифе мушоҳида мешаванд, ки баъзан маврид аз сатҳи пасти мавҷудияти ҳуқуқи инсон, дар ҳолати дигар аз сатҳи баланди мавҷудияти он башорат дода, моро водор менамоянд, то андешаи онро намоем, ки насли гузаштаи мо баҳри шинохти ҳуқуқи инсон ва эътирофи он кадом чораҳоро анҷом додаву чиро барои мо ҳамчун дастоварди таърихӣ ба мерос гузоштаанд. Зеро, инсоният на танҳо дар аҳди бостон ва марҳилаҳои баъдӣ, балки имрӯз низ дар ин самт мушкилоти худро дорад ва дар ин росто муҳаққиқони ватанӣ бисёр бамаврид иброз менамоянд, ки «инсоният дар масири таърихи бештар ба эътирофи қолаби худ ва шахсияти хеш диққат дода, кӯшиши дарки сатҳ ва сифати ботини худ менамояд. Дар ин шохроҳи шинохти хеш инсони муосир ҳам музаффариятҳо ва ҳам шикастҳо дорад» (саҳ. 52).

Аз муқаррароти меъёрҳои Авасто, ки болотар мавриди баррасӣ қарор гирифт, маълум мегардад, ки дар он ҳуқуқҳои гуногуни инсон мавриди танзим қарор гирифтаанд. Дар баробари муносибатҳои ишорашуда, инчунин аз моҳияти меъёрҳои ин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ танзими муносибатҳоеро мушоҳида намудан имконпазир аст, ки дорои ҳимояи ҳуқуқи инсон дар сатҳи бурунмарзӣ доранд. Яъне, мазмун ва моҳияти унсурҳои муосири ҳуқуқи байналмилалиро бозгӯй менамоянд. Мавҷудияти олиҳаи Меҳр дар қисмати Вандидоди Авасто ва ҳимоя намудани ҳуқуқҳои тарафҳои воридшаванда ба

паймон аз ҷониби ӯ, далели равшани масъалаи мазкур мебошад. Махсусан, агар ба муҷозоти дар он муқарраршуда нигоҳ намоем, пас мавҷудияти адолати судӣ ва таъмини иҷрои ухдадориро дар заминаи меъёрҳои ин сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ мушоҳида кардан имконпазир мегардад. Инчунин, шарти бунёдӣ дар бастани созиши муштарак, баинобатгирии ҳуқуку манфиатҳои тарафҳо ба ҳисоб мерафт, ки бозгӯкунанда аз мавҷудияти адолат ва таъмини баробарҳуқуқии тарафҳои паймонкунанда ба ҳисоб меравад (саҳ. 68).

Дар муҳити илмӣ, махсусан илми ҳуқуқшиносӣ доир ба замони таълифи яке аз нодиртарин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик – Авасто андеша ва назарҳои яксон ҷой надоранд. Вале, чун ба мазмун ва моҳияти таҳлилҳои илмӣ назар афканем, боз ба қадимият ва таърихӣ будани ин сарчашма эътиқод пайдо намуда, хулоса менамоем, ки он таърихи беш аз 4000-соларо дорост. Инчунин, миллати тоҷик дар масири давлатдорӣ ва мавҷудияти худ, ба ҷуз Авасто боз санадҳои дигари таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ахлоқиро дар ёд дорад, вале мутаассифона онҳо то замони мо нарасидаанд. Бо ин максад, метавон иброз намуд, ки Авасто яке аз нахустин сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии миллати тоҷик ба шумор рафта, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ баҳри шинохти ҳуқуқи инсон ва арзишманд эътироф намудани он ҳамчун субъекти олӣ, хизмати бесобиқа бузургро анҷом додааст (саҳ. 69) қобили қабул мебошад.

Дар боби сеюми диссертатсия «Андешаи хуқуқи инсон дар асрҳои миёна» номгузорӣ гардида, дар он иброз мегардад, ки «андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик моҳияти пайдарҳамӣ дошта, аз як марҳилаи таърихӣ ба марҳилаи дигар бо назардошти ба инобат гирифтани унсур ва омилҳои таъсиррасонандаи марҳилаи сипаришуда дар марҳилаи навин инкишоф ёфтааст. Яъне, қонуни инкори рушди муносибатҳои иҷтимоӣ дар доираи меросияти таърихӣ ва асосҳои диалектикии рушди муносибатҳо дар фазои ҳуқуқӣ тавассути падидаҳо ва мақулаҳои ҳуқуқӣ бо тамоюли таъсири анъанавияти шарқӣ риоя шудааст. Далели равшани ин гуфтаҳоро метавон аз мавҷудияти андешаи ҳуқуқи инсон дар асрҳои бостон ва дар асрҳои миёна

пайдо намуд, ки заминаҳои бунёдии худро аз марҳилаи қаблӣ, яъне аҳди қадим гирифтаанд. Аммо, ҷузъи муҳимми андешаҳои марбут ба ҳуқуқи инсонро, ки дар асрҳои миёна рӯйи кор омадаву инкишоф ёфтаанд, андешаҳое фарогир мебошанд, ки ҳам моҳияти расмӣ ва ҳам ғайрирасмӣ доштанд. Аммо нақши сарчашмаҳои расмӣ ва урфию анъанавие, ки низоми сиёсӣ вуҷуди онҳоро эътироф карда буд, дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ нақши муассир доштаанд. Аз ин дидгоҳ, дар адабиёти ҳуқуқӣ онҳоро ҳамчун сарчашмаҳои расмии ҳуқуқи инсон баҳогузорӣ менамоянд» (саҳ. 109).

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки «таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик шаҳодат аз он медиҳад, ки андешаи ҳуқуқи инсон дар масири давлатдорӣ ва давлатсозии миллати тоҷик ба дарозои таърих расида, тавассути унсурҳои гуногун ва роҳҳои мухталиф инкишоф ёфтааст. Аз нигоҳи мо, ташаккулёбии ҳуқуқи инсон дар таърихи халқи тоҷик бо ду роҳ сурат гирифтааст. Яке бо роҳи расмӣ-давлатӣ ва дигаре бо роҳи маънавӣ-ҳуқуқӣ. Онҳо дар сарчашмаҳои расмӣ-давлатӣ ва маънавӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ифода ёфтаанд» (саҳ. 129).

Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия ба чунин андеша аст, ки «Ба мушоҳида мерасад, ки мутафаккирони тоҷику форс бештар маврид ба раванди идоракунии давлатӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар он диққат зоҳир намуда, ҳимояи ҳуқуқи инсонро тавассути мақомот ё ниҳоди алоҳида мувофиқ ба мақсад мешуморанд. Инчунин, тарз ва усулҳои бурдани мурофиаи додгоҳӣ, одилона ва адолатнок будани ҳалномаҳои судӣ ва баинобатгирии далел дар мурофиа аз зумраи масъалаҳои марказии таълимоти онҳоро ташкил медиҳад. Албатта, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, ки мутафаккирон умр ба сар бурдаанд, бо назардошти раванди сиёсӣ дидгоҳи худро манзур менамуданд ва дар бештар ҳолат такя ба вазъи воқеии ҷомеа менамуданд. Дар афкори мутафаккирони тоҷику форс диққати махсус ба интихоби сарвари давлат дода шудааст. Аз нигоҳи мо, сабаби ин таваҷҷуҳро салоҳият ва ваколатҳои ӯ ташкил медиҳанд. Зеро, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, махсусан дар асрҳои миёна шоҳон на бо роҳи интихобӣ, балки тавассути мақому мартаба ва

асли баромад ба сари қудрат меомаданд. Онҳо салоҳияти таъмини адолати комилро дар ихтиёр доштанд. Аммо, ин маънои онро надорад, ки дар осори онҳо масоили алоқаманд бо ҳуқуқи инсон ба назар намерасад, балки ин муносибат аз нигоҳи фаҳмиши муосири ҳуқуқи инсон моҳияти ҳуқуқҳои сиёсиро дар самти интихоб шудан ва интихоб кардан ифода менамоянд. Мутафаккирони тоҷик тавассути тарғиби адолат, баробарӣ, дастгирӣ намудани табақаҳои эҳтиёҷманд ва ба роҳбарӣ гирифтани моҳияти принсипи инсондӯстӣ ба ҳуқуқ ва озодии инсон таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд» (саҳ. 143). Дар ҳолати мазкур ҳангоми ба таври пурратар масъалагузорӣ кардан боз ҳам пажӯҳиши илмиро мустаҳкам менамуд.

Дар қисмати хулосавӣ, муаллиф вобаста ба самтҳои гуногуни таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна) андешаронӣ намуда, хулосаҳои асоснок манзур намудааст. Хулосаи манзуршуда бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷонибаи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» равона карда шуда, вобаста ба ҳар як зербоб хулосабарории дақиқ анҷом дода шудааст. Дар хулоса аз тарафи муаллиф аз таҳлили заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии падидаи мазкур сар карда то ба ҳадди тарзҳои ҳимояи ҳуқуқии тарафҳои ҳуқуқҳои вобаста пешниҳодҳои мушаххас таҳия гардидааст.

Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили сарчашмаҳои истифодашуда оид ба падидаи ҳуқуқҳои вобаста тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда ба муаллиф имконият додаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки таҳқиқот ба рушди назарияи ҳуқуқ ва давлат тавассути баррасии таҳаввули андешаи

ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик саҳми назаррас мегузорад. Хулосаҳои илмии бадастомада фаҳмиши моҳият ва табиати ҳуқуқии сарчашмаҳои таърихӣ-хуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсонро муайян карда, метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва назарияи давлату ҳуқук хамчун заминаи методологӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар имконияти истифодаи онҳо ҳангоми таҳияи консепсияҳои илмӣ, таҳқиқоти минбаъда, инчунин дар фаъолияти таълимӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар ҷараёни омӯзиши фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳо дар таҳкими устувории хукукӣ ва пешгӯишавандагии муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад, ки дар маҷмуъ ба беҳтар гардидани фазои ҳуқуқӣ ва коҳиш ёфтани хавфҳои ҳуқуқӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд. Дарки дурусти ҳуқуқу озодиҳои шахс яке аз шартҳои муҳимми рушди устувори муносибатҳои иқтисодӣ ба шумор меравад.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, тақвияти ғояҳои ҳуқуқи инсон ва таҳкими арзишҳои адолат, қонуният ва баробарӣ дар дар замони муосир ифода меёбад. Таҳқиқоти анҷомёфта ба ташаккули ҷаҳонбинии хуқуқии ҷомеа ва рушди минбаъдаи давлати хуқуқбунёд мусоидат менамояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 18 маводи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 14 мақола дар нашрияҳои дигар ва 1 воситаи таълимӣ ба табъ расидаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №0267 (бо

тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Холиқзода О.А. дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №0267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат фишурдаи диссертатсия ба ҳисоб рафта, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди сатҳи умумии баланди таҳқиқ ва арзиши назариявии пешниҳодшуда, дар диссертатсия як қатор камбудиҳое ҷой доранд, ки дар ҷараёни ҳимояи диссертатсия шарҳу тавзеҳи иловагиро тақозо менамоянд:

1. Муаллиф зимни таҳқиқоти илмӣ аз муҳаққиқони зиёд истифода намуда, андешаву назари онҳоро ҳангоми пажӯҳиши илмӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Аммо, ба назар мерасад, ки муаллифи рисолаи илмӣ аз доираи маҳдуди муҳаққиқони ватанӣ, ки бо таърихи ҳуқуқи инсон алоқа доранд, истифода кардааст. Бо ин назардошт, хуб мешуд, агар унвонҷӯ дар таҳқиқотҳои илмии минбаъда ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз осори бештари олимон ва муҳаққиқони ватанӣ истифода менамуд.

2. Дар рисолаи илмӣ ва дар нуктаи сеюми ба ҳимоя пешниҳодшуда, муаллиф Урвахшайаро ба сифати нахустин довар, эҷодкунандаи меъёр ва татбиққунандаи адолати судӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик муаррифӣ кардааст. Аз таҳлили рисолаи илмӣ бар меояд, ки муаллиф дар матни диссертатсия ба ин масъала ба таври маҳдуд назар кардааст. Бо ин мақсад, аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми ҳимояи ошкоро доир ба махсусият ва паҳлуҳои асосии татбиқи адолати судӣ аз ҷониби Урвахшайа маълумоти бештарро манзур намуда, ба ин масъала равшанӣ меандохт.

3. Дар тавсияи дуюми амалии худ, муаллиф ишора менамояд, ки «бо дарназардошти рушди босуръати технология ва зарурати ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар фазои рақамӣ, мувофиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи рақамигардонӣ, тавсия дода мешавад, ки дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маркази миллии таҳқиқоти ҳуқуқи инсон ва технологияҳои рақамӣ таъсис дода шавад, ки самтҳои фаъолияти он шомили таҳқиқи ҳуқуқ ба махфият, озодии баён, ҳимояи маълумоти шахсӣ ва таҳияи дастурҳои ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи киберҳуқуқ бошанд». Мехостам доир ба масъалаи мазкур муаллиф ҳангоми ҳимоя ошкоро равшанӣ андохта, алоқамандии пешниҳоди мазкурро бо мавзуи рисолаи илмӣ муайян намояд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд, балки шаҳодат аз мубрамияти мавзуи рисолаи илмӣ намуда, гуногунпаҳлӯ будани онро бозгӯӣ менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Холиқзода О.А. дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)», дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расонида шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент муовини ректор оид ба илм ва
инноватсияи Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Сафарбекзода Ҳ.С.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон
735140, ш. Бохтар, кӯчаи С. Раҳимов 6. 49
Тел.: +992909050303 Е-майл: hukmiddih-1981@mail.ru

**Имзои Сафарбекзода Ҳ.С. - ро тасдиқ мекунам.**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

«30» 03 2026 Нажмудинов М.М.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Хатлон 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67
Тел.: +9928322224863, почтаи электронӣ:
bgu-1978@mail.ru, сомонаи расмӣ: **www.btsu.tj**